**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.и., профессор
_________________Ш. Раҳимзода
«25» ___11___ 2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ» (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтсиодӣ аз руи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат.**

1. Мубрамият ва зарурати таҳқиқот.

Низоми имрӯзаи фаъолияти дилхоҳ объект побанди иттилооти васеи рақамӣ гардидааст. Маҳз, кормандони дорои салоҳиятҳои рақамӣ дар шароити рушди босуръати технологияву таҷҳизотҳои муосир ба таъмини рақобаттавониву самарабахшии фаъолият қодиранд. Мушкилоти ҳалталаби замони муосир пеш аз ҳама дар мутобиқшавӣ ва вокуниш ба навовариҳои рӯзафзун хобидааст. Дар ин сурат низоми идоракунии кормандон дар фазои маҷозӣ шакл ва хусусиятҳои хосро ба худ касб кардааст, ки зарурати таҳқиқи мавзӯъро ба миён гузоштааст.

Чӣ тарве ки ба ҳамагон маълум аст, мутобиқшавӣ ба воқеияти муҳити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилотеро ошкор сохтааст, ки омӯзиш ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли сарвиқтии онҳоро аз ҳар як субъекти хоҷагидорӣ талаб мекунад. Натиҷаҳои ташаккули иқтисоди рақамӣ вобаста ба мавзӯи он метавонад гуногунҷабҳа бошад: барои давлат ин такмили қонунгузорӣ ва назорати татбиқи он; барои шаҳрвандон – дастрасӣ, эътимоднокии иттилоот, инчунин мавҷудияти молу хизматрасониҳои дорои сифати мувофиқ; барои корхонаҳо - таҳкими афзалиятҳои рақобатӣ бо истифода аз IT;

барои навоварone, ки ғояҳои иқтисоди рақамиро пешбарӣ мекунанд - татбиқи қарорҳои IT дар амал ва ғайраҳоро тақозо менамояд. Идоракунии равандҳое, ки дар созмонҳо амалӣ мешаванд, инчунин таҷдиди назарро бо мақсади рақамикунонии равандҳои бизнес ва "ҷой кардани" корхонаҳо ба муҳити рақамии иқтисодии давлат ва ҷаҳон талаб мекунад. Рақамикунонии соҳаи меҳмонхонаҳо, аз нав дида баромадани вазифаҳои системаи идоракунии кадрҳоро бо мақсади таҳия ва татбиқи воситаҳои нав дар самти такмили идоракунии кормандонро талаб мекунад, ва он имкон медиҳад, ки рақамикунонии системаи идоракунии кадрҳо пурра дар амал ҷорӣ карда шавад.

Дар шароити рақамисозии ҷомеа, малакаҳои рақамӣ ва салоҳиятҳои рақамӣ талабот пайдо кардаанд, ки асоси онҳо: саводнокии иттилоотӣ қобилияти кор кардан дар системаҳои ҷустуҷӯӣ, дониши операторони ҷустуҷӯ, қобилияти зуд пайдо кардани иттилооти зарурӣ дар сарчашмаҳои бонуфуз, малака дар ҷамъоварии маълумоти дахлдор ва гузаронидани тадқиқот дар асоси миқдори зиёди маълумоти рақамӣ. Муаррифии малакаҳои корманди муосир дар намуди категорияҳои Hard-Skills, Soft-Skils, Digital-Skils, Power-Skils асоси татбиқи равиши салоҳиятнокӣ дар марҳилаҳои рушди захираҳои инсонии ташкилоте, ки вазифаҳои идоракунии кадрҳоро дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ амалӣ менамояд.

Аҳамият ва мубрамияти мавзуи кори диссертатсионии Абдуллоев Зафарҷон Асҳобовичро мавридҳои дар боло зикршуда асоснок менамояд.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натоиҷи илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд** бо омузиш амиқ ва асоснок намудани муқаррароти назариявию методӣ, ки барои таҳқиқ аҳамияти калон доранд, истифодаи усулҳои мухталифи илмии тадқиқот, ки ба вазифаҳои гузоштащуда мувофиқанд ва таҳлили миқдори зиёди иттилооти дорои характери илмию амалӣ собит мешавад. Пойгоҳи

иттилоотии тадқиқот хеле васеъ буда, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, маълумот аз Вазорати маориф ва илми кишвар, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату кумитаҳои дахлдорро фаро мегирад.

Дар кори диссертатсионии мазкур шумораи зиёди мақолаву монографияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба асосҳои назариявӣ, методологӣ ва воситаҳои амалии танзими ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе) таҳлил карда шудааст, дар асоси он, муаллиф, нуқтаи назари худро дар шакли хулосаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Ғояи асосии кори диссератaтсионӣ, фарзия, навоварӣ ва нуқоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, назария ва методологияи иқтисодиёти меҳнат ва иқтисодиёти иинноватсионӣ асос ёфтаанд. Ба сифати заминаи методологӣ усулҳои асосии илмӣ, аз қабили: усули системавӣ, оморӣ, риёзӣ, идуксия, дедуксия, қиёсӣ, монографӣ, синтез ва ғайра истифода шуданд. Маҷмӯи васеи усулҳои истифодашуда ба муаллифи таҳқиқот имкон додаанд, ки ки сатҳи баланди эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти илмии ӯ таъмин карда шавад.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ

(назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ, сармояи инсонӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. **Эътимоднокии навгониҳои илмии диссертатсия ва натоиҷи ба дастомада.** Навгонии илмии таҳқиқот З.А. Абдуллоевро асоснок намудани муқаррароти назариявии такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои дорои салоҳитҳои рақамӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар диссертатсия як қатор муқаррароти нави дорои аҳамияти илмиву амалӣ пешниҳод шудааст, ки ба андешаи мо, муҳиматринашон инҳо мебошанд:

- паҳлӯҳои муқаррароти назариявию методӣ ва мавқеи идоракунии кормандон мувофиқ ба шароити иқтисодиёти рақамӣ баён гардидааст ва ҳамзамон таъкид шудааст, ки таъсири омилҳо ва усулҳои инноватсионӣ ба рушди иқтидори кадрӣ падидаи мураккаб ва зудтағйирёбандаи муҳити бозор мебошад (саҳ.17-36). Дар таҳқиқот ба масоили омодасозии кормандони меҳмонхона дар шароити рақамикунонӣ диққати махсус зоҳир гардида, масоили назариявӣ ва дар асоси гуфтаҳои боло нуқтаи назари муаллифӣ таҳия карда шудааст. Андешаи муаллиф хеле ҷолиб аст: идоракунии кормандон намуди фаъолияти иқтисодие мебошад, ки

ҷиҳати расидан ба мақсадҳои дилхоҳ корхона муфид буда дар ин айём истеъдод ё худ қобилияти дарки ин ё он масъала, баррасии он ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз дидгоҳи амалӣ бо ҷалби мутахассиси кордону соҳибтаҷриба муфид мебошад (саҳ.31).

-муаллиф ҳангоми таҳқиқот маълум кардааст, ки ба сифати омили асосии тараққиёти меҳмонхонаҳо кадрҳо ё мутахассисони дорои салоҳияти касбӣ, аз ҷумла салоҳияти рақамӣ, яъне кормандони соҳибкасб ва босалоҳият самараи низоми идоракуниро таъмин менамоянд (саҳ.37-48).

-вазъи муосири бозори меҳнат ва таъмини кадрҳои баландихтисос дар меҳмонхонаҳои замонавии шаҳри Душанбе дар шароити рақамикунонӣ муҳим шуморида шуда, ҳангоми баррасии масоили мазкур муаяйн карда шудааст, ки новобаста аз тамоюлҳои мусбат таҳқиқи масоили омодасозии кормандони меҳмонхона, тамоюлҳои ҷории бозори меҳнат ва рақамикунонии равандҳои меҳмонхона хеле зарур аст (саҳ.67-86). Дар таҳқиқот монеаҳои мавҷудаи низоми идоракунии кормандон ва роҳҳои ҳаллу фасли он асоснок карда шудааст.

-дар диссертатсия омилҳои дохиливу беруна натиҷагирӣ ё баҳодиҳии вазъ ва ҳолати такмилдиҳии низоми кормандон дар шароити рақамикунонӣ хеле ба тафсил нишон дода шудааст. Ҳангоми таҳқиқ таҳияи амсиласозии иқтисодӣ – математикии баҳодии омилҳои таъсиррасон ба идоракунии кормандон дар фазои маҷозӣ ба роҳ монда шудааст (саҳ.87-99).

-истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷи дуру наздик оид ба такмили идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити муосир арзёбӣ гардида, имконияҳои самтҳои муҳиму афзалиятноки истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шуморида шудааст (саҳ.100-114).

-дар таҳқиқот баррасии ҳамаҷонибаи такмил додани системаи анъанавии низоми идоракунии кормандон муҳим дониста шуда, самтҳо

ва афзалиятҳои рушди он дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст. Натиҷаҳои назарсанҷӣ ба инобат гирифта шуда, таҳияи механизми мукаммали идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Илова бар он, муаллиф унсурҳо ва омилҳои таъсиррасонро ба самти такмили низоми идоракунии кормандон муайян намуда, механизми муосири идоракунии кормандонро таҳия намудааст (саҳ.114-137).

-дар ниҳоят таҳқиқоти илмӣ натиҷагирӣ шуда такмили механизми ташкилӣ – иқтисодии рушди идоракунии кормандони меҳмонхона пешниҳод шудааст. Дар миқёси ҷумҳурӣ низоми муайяни такмилдиҳии кормандон зарур ва талаби давру замон ҳисобида шудааст. Дар таҳқиқот тавсия шудааст, ки зимни омодакунии кадрҳои касбӣ ва масъулиятшинос маъмурон пеш аз ҳама ба салоҳияти рақамии кормандон аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд, зеро механизми имрӯзаи фаъолияти меҳмонхонаҳо, аз ҳама пештар рақамикунонида шудааст, ки дар ин замина нақши кадрҳои дорои салоҳиятҳои рақамӣ хеле зурур аст (саҳ.138-152).

**5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Аҳамияти назариявии кори диссертатсионии З.А. Абдуллоевро муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои асоснокшуда доир ба такмили механизми идоракунии кормандон ва муносибатҳои дар бозори меҳнат, ки таҳти таъсири трансформатсияи рақамӣ ба вуҷуд меоянд, муайян намудааст. Муқаррароти алоҳидаи натоиҷи тадқиқот асосҳои назариявии иқтисодиёти меҳнатро бо таваҷҷуҳ ба коркарди моделҳои муосири омодасозии кадрҳои дорои салоҳиятҳои рақамӣ пурратар менамояд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, инфрасохтори он, ба хусус меҳмонхонаҳо метавонанд дар фаъолияти амалии худ истифода намоянд.

Натиҷаҳои тадқиқотро инчунин ҳангоми хондани курсҳои «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисоди меҳнат», «Идоракунии салоҳиятҳои рақамӣ», «Менеҷменти кадрӣ» «Идоракунии кормандон», «Менеҷмент» ва «Санъати роҳбарӣ» истифода бурдан мумкин аст.

6. Мундариҷа ва сохтори диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ» (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе) ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти анҷомшуда мувофиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 195 саҳифа оварда шудааст, ки он 17 ҷадвал ва 26 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 196 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявӣ - методии таҳқиқи масоили идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ» асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии кормандон ва нақши он дар шароити рақамикунонӣ, таъсири омилҳо ва усулҳои инноватсионӣ ба рушди идоракунии кормандон баррасӣ ва масоили омодасозии кормандони меҳмонхона дар шароити рақамикунонӣ муайян шудаанд.

Ба андешаи муаллиф, низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳои сайёҳӣ шакли нави фаъолияти иқтисодӣ буда шакли ташкили меҳнат, фаъолияти ба мақсад мувофиқро дар иҷрои корҳо ва

уҳдадориҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ, инчунин алоқамандии ташкилӣ, иқтисодӣ, равонӣ, ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботҳо ва рушди касбияти онҳо мебошад. Илова бар он дар таҳқиқот чунин нуқтаи назарро таҳия намудааст: консепсияи идоракунии кормандон - системаи назариявию методологӣ, андешаҳо оид ба дарк ва муайян кардани моҳият, мундариҷа, ҳадафҳо, вазифаҳо, меъёрҳо, принсипҳо ва усулҳои идоракунии кормандон, инчунин ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар татбиқи ҳадафҳои гузоштаи ташкилотҳо ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Арзёбии вазъи бозори меҳнат ва хусусиятҳои муосири механизми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ» тамоюлҳои ҷории бозори меҳнат ва рақамикунонии равандҳои меҳмонхона, амсиласозии иқтисодӣ – математикии баҳодии омилҳои таъсиррасон ба идоракунии кормандон, таҳлили таҷрибаи хориҷии такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхона мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд гардидааст, ки рушди устувори сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, такмили механизми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо аз омилҳои таҳқиқшуда вобастагии тарафайн дорад. Ба ақидаи диссертант пеш аз ҳама бояд ба ташкили шакли нави меҳмонхонаҳо, ҷалби сарчашмаҳои молиявӣ, бунёди зерсохтори соҳа ва дар раванди татбиқи менеҷмент ба назар гирифтани ҷанбаҳои методӣ ва тавсияҳои илмию амалӣ хеле муҳим аст. Хулосаҳои ҳосилшудаи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ ва таҳлилҳои мушаххаси таҳқиқоти илмӣ, ки ба даст оварда шудааст, ба такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхона ва аз ҳама асос амалинамоии ҳадафу стратегияи қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарур ҳисобида шудааст.

Ҳамзамон зикр шудааст, ки дар самти низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо таҷрибаҳои беҳтарини рушди онро омӯхта,

бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ амалан мавриди истифода қарор додан ба манфияти кор хоҳад буд.

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ –«Механизми ташкилӣ – иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ» ҳангоми таҳқиқот дар заминаи ба инобат гирифтани самтҳои афзалиятноки идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ, унсурҳо ва механизми идоракунии кормандон омӯхта шуда, барои такмилдиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди идоракунии кормандони меҳмонхона тавсияҳои методӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, имконияти бомуваффақият ҷорӣ намудани абзорҳои рақамӣ дар механизми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо нишон дода шудааст

Самаранокии татбиқи усулҳо ва механизмҳои пешниҳодшуда, дар маҷмуъ, такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе) нишон дода, истифодабарии самараноки сармояи инсониро ба вуҷуд меорад, ки он ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ миллӣ дар давраи дарозмуддат ба таври муассир мусоидат хоҳад кард.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳу усулҳои такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ оварда шудаанд.

**6. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комис-сияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия дар асоси талаботҳои «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои тақризшаванда» омода гардида, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи

таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи ҳадафҳои стартегии кишвар нигаронида шудааст.

7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб

1. Доираи масъалаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо чун ҳадафи асосии диссератсия муайян шуданд, хеле васеъ ва гуногунпаҳлӯ мебошанд. Албатта, ҳаллу фасли ҳамаи онҳо ғайримкон аст. Аз ҷумла, дар кори диссератсионӣ натиҷаҳои бевоситаи фаъолияти донишгоҳҳои кишвар дар самти омодасозии мутахассисон пурра таҷассум наёфтаанд.

2. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки истифодаи низоми муосири технологияи рақамӣ низоми автоматикунонидаи идоракунии кормандони меҳмонхонаро нишон додан ба мақсад мувофиқ аст, аммо, муаллиф нуқтаи назари худро илман асоснок накардааст.

3. Дар таҳқиқот муаллиф шакл ва усулҳои баҳодиҳии кормандонро дар меҳмонхона гузаронида бошад ҳам, аммо усулҳои нишондодашуда шарҳу тавзеҳ дода нашудааст.

4. Маълум аст, ки амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ дар бисёр диссертатсияҳо гузаронида мешаванд. Дар кори мазкур дар асоси нишондиҳандаҳо таҳлили амсилаи бисёромилаи таъсири омилҳои меҳмонхона ба ММД таҳқиқ гардидааст, лекин истифодаи омилҳои интихобгардида ба таври кофӣ асоснок карда нашудааст.

5. Тавре ки маълум аст, паҳлӯи асосии таҳқиқ дар шароити

рақамикунонӣ сурат гирифтааст. Бинобар ин, дар самти рақамикунонии фаъолияти меҳмонхонаҳо рисолати асосӣ ба дӯши кормандони дорои салоҳиятҳои рақамӣ гузошта мешавад. Дар доираи ҳалли масоили мазкур ба платформаҳои рақамӣ ба таври зарурӣ диққат дода нашудааст.

6. Дар диссертатсия ва автореферат баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Аммо, эродҳои зикршуда арзишмандии кори анҷомшударо коста намегардонанд, онҳо бештар характери тавсиявӣ доранд ва ҷиҳати тадқиқотҳои ояндаи муаллиф дар ин самт метавонанд ба инобат гирифта шаванд.

Аз рӯи маводи диссертатсия 27 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст. Интишороти муаллиф мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро таҷассум менамояд.

**8. Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтсиодӣ аз руи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Муаллиф ба ҳадафҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комилан ноил гардидааст.

Натиҷаҳои илмӣ ва нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи тадқиқоти диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳанд. Тавсияҳое, ки муаллиф барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда дар соҳаи тадқиқоти худ пешниҳод менамояд, асоснок буда, сифатан аз тавсия ва пешниҳодои олимони дигар фарқ мекунанд. Муаллифи диссертатсия Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович сазовори дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат, мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 22-уми ноябри соли 2024 протоколи №26 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

Иштирок доштанд – 11 нафар кормандон, аз ҷумла 8 нафар докторону номзадони илм;

Ҳуқуқи овоз доданро доранд – 8 нафар докторону номзадони илм;

“Тарафдор” – 8 нафар;

“Зид” – нест;

“Бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
ходими пешбари илмии
шуъбаи таҳқиқотҳои
инфрасохтории ИИД АМИТ, н.и.и. Бобозода К.О.

**Ташхисгар:**
ходими пешбари илмии
шуъбаи таҳқиқотҳои
инфрасохтории ИИД АМИТ, н.и.и. Рауфӣ Ф.А.

**Котиби ҷаласа:**
Ходими пешбари илмии
шуъбаи таҳқиқотҳои
инфрасохтории ИИД АМИТ, н.и.и. Мирзоева Ҷ.П.

Имзоҳои Бобозода К.О., Рауфӣ Ф.А. ва Мирзоева Ҷ.П -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо Зиёева М.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44. Телефон: +992(37) 227-67-50. E-mail:ied.tj